**Тақризи муқарризи холис**

ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зарматовна ба дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна ба таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои ду забони гуногунсохтор, ки марбути як оила мебошанд, яъне забонҳои вахонӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Мусаллам аст, ки асоси боигарии ҳар як забонро забони зиндаи умумихалқӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқ ташкил медиҳад. Зарбулмасалу мақол аз зумраи он жанрҳои халқие мебошанд, ки дар онҳо мероси маънавии ҳар як халқ нуҳуфта мебошанд. Албатта зарбулмасалу мақолҳо яке аз воситаҳои ниҳоят пурқуввати тасвирӣ мебошанд, ки дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ падид омада, тамоми таҷрибаи ҳаётӣ, иҷтимоӣ-таърихиро ба таври намунавӣ нишон медиҳанд. Зарбулмасалу мақолро ҳамчунин яке аз сарчашмаҳои беохири забони халқ медонанд. Таҳқиқ намудани зарбулмасалу мақолҳои халқҳои гуногунфарҳанг аз нигоҳи муқоисавӣ дастоварди хеле бузурге маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ дуруст буда, дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Диссетатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар мукаддима доир ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, усул ва методи таҳқиқ, навоварии илмӣ диссертатсия ва саҳми шахсии муҳаққиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ» ном дошта, дар панҷ бахши он масъалаҳои назариявии таҳқиқот мавриди назар ва баррасии диссертант қарор гирифтааст. Дар боби мазкур муаллифи диссертатсия бо овардани далелу истинодҳо аз назарияҳо ва андешаҳои забоншиносон, фарҳангшиносон ва фолклоршиносони ватаниву хориҷӣ ба хулосае меояд, ки «Зарбулмасалу мақолҳо инъикоси тасвири забонии ҷаҳони он халқе маҳсуб мешаванд, ки

онҳоро эҷод кардааст ва тавассути чандин насл интиқол додааст". Воқеан, ҳар як андешае, ки дар зарбулмасалу мақолҳо баён шудааст, дар шуури соҳибони забон на танҳо барои он нақш бастааст, ки он амиқу ҳикматомез аст, балки ифодаи забонии ин андешаҳои ҳикматомез онҳоро дилнишин ва такрорнашаванда мегардонад. Дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо дар байни вожаҳои калидие, ки касбу кор, ашёҳои рӯзгор, ҳайвоноту растаниҳо ва ғайраро ифода мекунанд, тафовути муайяни луғавӣ мушоҳида мешавад. Чунин тафовут бо махсусиятҳои тарзи зиндагии одамони ин кишварҳо, анъанаҳо, махсусиятҳои маишат ва шароитҳои ҷуғрофӣ алоқаманд мебошанд.

Натиҷаи ин таҳқиқотҳо, метавонад дар асоси меъёрҳои умумӣ ба таври ба ҳуд хос ва миллӣ, ҳамчун табиати зарбулмасалҳо, мукаммал карда шавад. Диссертант таъкид мекунад, ки пажӯҳиши муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо имкон медиҳад, на танҳо забон ва воҳидҳои он муқоиса карда шавад, балки забон бо тамоми унсурҳои фарҳангӣ, расму оин, анъана ва эътиқодоти ин ё он қавм мавриди таҳлил қарор гирифта, аз ҳама муҳим, чӣ гуна тасвир шудани биниш ва фаҳмишу дарки муҳити атрофро дар забон инъикос мекунад.

Дар боби дигари диссертатсия, ки «Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» унвон гирифтааст, аз 5 бахш ташкил ёфта, муаллифи диссертатсия вижагиҳои миллиро дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ баррасӣ намуда, дар навбати худ онҳоро аз рӯйи мавзуъ тасниф намудааст. Дар бахшҳои баъдинаи боби мазкур муаллифи диссертатсия муносибатҳои меҳмоннавозӣ ва инъикоси эҳсоси тарсу ваҳмро дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон ва англисзабонҳо бо ҳам муқоиса намуда, тафсир кардааст.

Боби охири диссертатсия «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» номгузорӣ шуда, аз се фасл ва зерфаслҳо ташкил шудааст. Дар зербоби аввал хусусиятҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда бо воҳидҳои зоонимӣ баррасӣ гардида, ҳамзамон таркиби ибораҳои зарбулмасалу мақолҳое, ки ҷузъҳои ҳайвонотро дар худ доранд, муайян гардидаанд. Дар зербоби дигари боби мазкур хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар асоси соматизмҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллифи диссертатсия

ба хулосае омадааст, ки зарбулмасалу мақолҳои таҳлилшуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар фаҳмиши ин ҳар ду соҳибзабонон муносибат ба ҳайвон як хел буда, танҳо аз рӯйи афзалият вобаста ба муҳити атроф ва ҳудуди ҷуғрофӣ ҳайвонот дар байни соҳибзабонон фарқ мекунанд.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия чанд камбуду норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии таққиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ғалатҳои имлоиву китобатӣ дар диссертатсия ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳоро шарт ва зарур мешуморам.
2. Тартиби рақамгузории зербахшҳои диссертатсия бо мундариҷаи он яксон карда шавад.
3. Баъд аз хулоса тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шаванд.

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, диссертасия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» кори илмии баанҷомрасидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ муҳтавои диссетратсияро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии диссертасия ба меъёрҳои "Дастуруламал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертасияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия", ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти

забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода пешниҳод карда шавад.

**Муқарризи холис:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи
филологияи англиси ДДЗТ
ба номи С.Улуғзода Шарифова Адолатхон Шарифовна

***Имзои А. Ш. Шарифова-ро тасдиқ мекунам:*** **мзои** *Шарифова*
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомудинович

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 37232500
20.04.2022